# АКОСИ САГОН КАМ НАКУНАД РИСҚИ ГАДОРО...

Ҳодисае, ки санаи 3 феврали соли ҷорӣ дар маҳбасхонаи воқеъ дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат, аз ҷониби гуруҳи 9 нафараи зиндониён бо мақсади фирор рух дод, мутаассифона дар миёни корбарои шабакаҳои иҷтимоӣ сару садоҳои зиёдеро ба бор овард. Ҷои нигаронист, ки қисме аз ин корбарон афроде ҳастанд, ки мавқеи зиддимиллӣ ва тафаккури ифротии динӣ дошта, бо истифода аз боварҳои ҷомеа чун анъана мехоҳанд, дар андешаи ҷомеа эҳсоси нафрат ва кудуратро нисбати миллату давлати тоҷикон ва шахисяти роҳбари давлат бештар гардонанд.

Бояд қайд намуд, ки афроде, ки ба ин ҷиноят даст заданд бо ҷурми шомил будан ба ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ  маҳкум ба зиндон шудаанд. Эшон бо истифода аз имкониятҳое, ки дар зиндон барои маҳкумшудагон муҳайё шуда буд, истифода намуда, барои анҷоми мақсади хеш ба таври сунъи ҳаргуна олотҳои заруриро омода намуда, пасон ба кормандони зиндон ҳамла карданд. Дар натиҷа, тавре маълум гардид чанд нафар аз кормандони ин зиндон ва махсусан шахсони масъул зарари сахти ҷисмонӣ бардоштанд.

Рух додани ҳамин ҳодиса худ аллакай шаҳодат аз он медиҳад, ки дар дохили зиндонҳои Тоҷикистон,

ҳатто нисбати чунин нафарон, ки бо гуноҳи вазнин маҳкум шудаанд имконият ва шароитҳои озодтар дода мешаваду бо онҳо чунин инсон рафтор мекунанд. Ин ҳам дар ҳолест, ки дар аксари зиндонҳои давлатҳои муқтадир нисбати чунин маҳкумшудагон ингуна муносибат вуҷуд надорад.

Тавре ишора шуд, аз ин ҳодиса ин шабу рӯз душманону нотавонбинони ватани азизи мо ҳангома сохта, ба қавле "тӯй" доранд. Табиист, ки чунин ҳодисаҳо барои эшон як навъ баҳона шуда, ба ин васила чун морони Заҳҳок мехоҳанд ба афкори ҷомеа заҳр резанд. Ҳар нафаре, ки разил аст разолат мехоҳад ва хушбахтии ҷомеа барояш бадбахтист. Ин нафароне, ки ба истилоҳ дар коментҳояшон санги маломат болои Тоҷикистони азиз ва махсусан шахсияти Роҳбари давлати Тоҷикистон мепартояд аз ҳисоби нотавонию бадхоҳияшон аст.

Худ қазоват кунед, пирони ҳаминҳо буд, ки замоне талош карданд то Тоҷикистонро ба гирдоби оташи ҷанги шаҳрванди кашидаю ба қисматҳо ҷудо намоянд. Аммо бо ибтикороти ҷавонмардонаи як нафар тоҷик бо исми Эмомалӣ Раҳмон ваҳдати миллат таъмин шуд ва зиндагии мардум аз муҳити зулму торикӣ ба нур расид. Дар ин раванд ин бадсиголон ба ҳадафҳояшон нарасиданд. Акнун думравони онҳо чун сагони дайду ва пайравони Шайтони навмедшуда дар ҳар кӯчаю

паскӯча мелақанду бо ҳар васила чеҳрасозӣ намуда, мехҳанд бозори худ гарм кунанд.  Ҳодисае, ки дар зиндони шаҳри Ваҳдат рух дод аз ҷониби ҳамон нафароне содир шудааст, ки дар гузашта бо инҳо ҳампаймону ҳамкоса ва ҳамназару ҳамқадам буданд. Инҳо чун кирм дар дохилу дар хориҷ ба худ мепечанду дигар илоҷи амалӣ намудани мақсадҳояшонро надоранд. Зеро аксари мардуми Тоҷикистон бо гузашти солҳои мадид дарк кард, ки ҳақиқат дар куҷост ва кадом роҳ роҳи дуруст аст. Дигар ҳеҷ кас ва ҳеҷ қувваи аҳриманонае дар ин сарзамин рӯсурх шуда наметавонад. Зеро роҳи мо роҳи саодати мардум аст. Ин ҷо ҳазорон мазлумон бо шарофати ваҳдату амният бахту иқбол пайдо карда дар зери пуштибонии давлат ормонҳо амалӣ мекунанд. Лекин бадхоҳон ва душманони рӯзгори босаодати халқ ҳамвора шикаст мехӯранд.

Аз ин рӯ, ҳодисаи мазкур як навъ талоши дигари ҷинояткорон буда, дар натиҷаи озодии онҳо яқин буд, ки боз дар ҷомеа ноороми рух медод. Хушо ба ҳоли нафароне, ки дар самти пешгирии чунин ҳодиса саҳм гузоштанд.